**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна дар мавзӯи “Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ)**

аз 25 августи соли 2026 ш. Душанбе

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар ҳайати: Аминов И., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор - раиси комиссия, Садриддинов М.И., доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, Валиев Н.Ш., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – аъзои комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Самандарова Зарнигор Умаровна **хулосаи** зеринро қабул намуд:

1. Мавзӯи диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна “Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) пешниҳод шудааст, муҳим ва рӯзмарра буда, таҳқиқоти илмии баитмомрасида ҳисобида мешавад, ки он ба ҳалли масъалаҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ ва ташкилӣ-методии рушди сайёҳии аграрӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Мубрамияти мавзӯи диссертатсияи «Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)» пеш аз ҳама бо зарурати ҷустуҷӯ ва татбиқи самтҳои нави рушди иқтисодии минтақаҳои деҳот, баланд бардоштани сатҳи шуғл ва даромади аҳолӣ, инчунин истифодаи самараноки имкониятҳои мавҷудаи кишоварзӣ ва сайёҳӣ алоқаманд мебошад. Дар шароити муосир рушди сайёҳии аграрӣ метавонад ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими диверсификатсияи иқтисодиёти деҳот, ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ баромад намояд.

Вилояти Хатлон дорои захираҳои назарраси кишоварзӣ, табиӣ, таърихию фарҳангӣ ва этнографӣ буда, барои ташаккул ва рушди шаклҳои

гуногуни сайёҳии аграрӣ имконияҳои васеъ дорад. Мавҷудияти хоҷагиҳои деҳқонӣ, боғу токзорҳо, маҳсулоти хоси кишоварзӣ, анъанаҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва тарзи ҳаёти деҳот метавонад заминаи муҳим барои ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ гардад. Ҳамзамон, сатҳи истифодаи ин имкониятҳо ҳанӯз ба иқтидори воқеии минтақа мувофиқат намекунад.

Зарурати таҳқиқи мавзӯъ аз он бармеояд, ки дар рушди сайёҳии аграрии вилояти Хатлон як қатор масъалаҳо, аз ҷумла нокифоя будани инфрасохтори сайёҳӣ, маҳдудияти хизматрасониҳои муосир, сатҳи пасти маркетинг ва таблиғи маҳсулоти сайёҳӣ, норасоии сармоягузорӣ, суст будани ҳамкории байни хоҷагиҳои кишоварзӣ, соҳибкорон ва сохторҳои сайёҳӣ, инчунин набудани механизмҳои мукаммали идоракунии рушди устувор боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, зарурати асоснок намудани равишҳои илмӣ, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ва таҳияи механизмҳои иқтисодию ташкилии рушди устувори сайёҳии аграрӣ ба миён меояд.

Аҳамияти таҳқиқот инчунин дар он ифода меёбад, ки рушди устувори сайёҳии аграрӣ метавонад ба истифодаи оқилонаи захираҳои маҳаллӣ, нигоҳдории муҳити зист, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва анъанаҳои миллӣ, рушди инфрасохтори деҳот ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории минтақа мусоидат намояд. Бинобар ин, таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди устувори сайёҳии аграрӣ дар мисоли вилояти Хатлон дорои аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ буда, барои таҳияи тавсияҳои муассир оид ба рушди минбаъдаи ин самт зарур мебошад.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ба итмом расонида шуда, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори факултети баҳисобгирӣ ва молияи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловахо аз аз 26 июни соли 2023, №295)тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи сайёҳӣ ба ҳисоб рафта, он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

4. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба Шиносномаи ихтисоси илмии 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ), ки

вобаста аз он ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-63 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 (№488/шд) ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз руйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарачаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2025, таҳти №10 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

5. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд, ки аз онҳо 3 мақола дар алоҳидагӣ (талаботи банди 35 Тартиби додани дара-ҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295)) дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба чоп расидаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

6. Дараҷаи асолати матни диссертатсия ва автореферати пешниҳод-гардида ба меъёрҳои талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибос-ҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи муаллифони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нага-рдид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуалли-фӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

7. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, комиссия пешниҳод менамояд:

1). Диссертатсияи Самандарова Зарнигор Умаровна "Рушди устувори сайёҳии аграрӣ (дар мисоли вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.12. – Иқтисодиёти сайёҳӣ ва меҳмондорӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад.

2). Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- Ҷамшедов Маҳмадназар – д.и.и., профессори кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, аъзои Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063;

- Махкамзода Фуркат Фозил – н.и.и., устоди калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3). Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таъин карда шавад.

4). Барои гузоштани эълони ҳимоя, интишори диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
**д.и.и., профессор** **Аминов И.**

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
**н.и.и., дотсент** **Садриддинов М.И.**
**н.и.и, дотсент** **Валиев Н.Ш.**